**ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ**

**шурои диссертатсионии 6D.KOA-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон ба диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи “Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ**

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Маҳмадалиев Н.К. дар мавзуи “Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҳайати се нафар интихоб карда шудаанд:

1. **Султанов Зубайдулло Султанович** - узви шуро, доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, раиси комиссия;
2. **Амонова Дилбар Субҳоновна** - узви шуро, доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аъзои комиссия;
3. **Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич** - узви шуро, доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аъзои комиссия.

Комиссия, пас аз омӯзиши амиқи таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадалиев Н.К., онро ҳамчун як кори мустақилонаи илмӣ – тахассусии баитмомрасонида баҳо дода, зикр менамояд, ки ин таҳқиқот дар сатҳи баланди илмӣ анҷом ёфта, ба татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар дар самти рушду густариши тиҷоратикунонии навовариҳо, боло бурдан ва саҳм гузоштан ба иқтисодиёти инноватсионии кишвар мутобиқ мебошад.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи “Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқат менамояд.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад: 1.1. Рушди

муқаррароти назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмилдиҳии шаклҳо ва усулҳои тадқиқи равандҳои инноватсионӣ, рақамикунонӣ дар низомҳои иқтисодӣ; 1.6. Коркарди усулҳо ва механизмҳои ҳамгироии илми мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди усуслҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ; 1.8. Тадқиқи силсилаи ҳаётии инноватсияҳо: андозаҳои силсила, абзор ва технологияҳои идоракунии андозаҳои силсилаи ҳаётӣ, рушди мутавозини силсилаҳои инноватсионӣ ва маблағгузорӣ дар низомҳои иқтисодӣ; 1.14. Рушди назария ва методологияи ташаккулёбӣ, идоракунӣ ва баҳодиҳии самаранокии амалкарди бозори инноватсияҳо. Усулҳо ва технологияҳои бароварда шудани маҳсулоти инноватсионӣ ба бозор, такмилдиҳии стратегияҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳо; 1.27. Сохтор, мушаххасгардонӣ ва идораи хатарҳои фаъолияти инноватсионӣ дар марҳилаҳои гуногуни силсилаи ҳаётии инноватсияҳо.

Натиҷаҳои диссертатсия дороӣ аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 номгӯй дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

Микдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаи унвонҷӯ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) пурра ҷавобгӯ мебошад.

Аз теъдоди таълифоти довталаб бармеояд, ки **талаботи банди 35-и** Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) нисбат ба **нашри натиҷаҳои диссертатсия** риоя гардидааст.

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудааанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

Хулосаҳо ва натиҷагириҳои докторант асоснок буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Автореферат мазмуну муҳтавои дисертатсияро пурра инъикос менамояд.

**Натиҷаи умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ**

Мубрамии мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Маҳмадалиев Н.К. дар мавзӯи "Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзӯи "Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи "Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мутобиқ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) омода гардида, ба самти шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 мувофиқ мебошад ва дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ дар ҷаласаи якдафъаинаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 дар назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Раҷабов Раҷаб Кучакович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

- Мирзоева Евгения Шуджоатбековна – н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои шурои диссертатсионӣ — Султанов З.С.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои шурои диссертатсионӣ — Амонова Д.С.

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои шурои диссертатсионӣ — Ҳикматов У.С.

Дурустии имзоҳои З.С. Султанов ва Д.С. Амонова-ро тасдиқ менамоям:

Сардори ШК ДСРТ — А.А. Рахимов